**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД**

Ба рўйхат гирифта шуд:
№ БД–60230100–2.04
«____»________соли 2021

**“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”**
Ректори ДДС Р.И.Халмурадов
____________________
2021 йил “____” ______

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ
az фанни

# ИСТИЛОҲОТИ ИЛМӢ, КАСБӢ ВА СОҲАВӢ

| | | |
|---|---|---|
| Соҳаи илм: | 200 000 | -Фанҳои гуманитарӣ ва санъат |
| Соҳаи таълим: | 230 000 | -Фанҳои гуманитарӣ |
| Шӯъбаи таълим, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва омӯзиши забонҳо (забони тоҷикӣ) |

**Самарқанд – 2021**

Дастури таълимии фанни “Истилоҳоти илмӣ, касбӣ ва соҳавӣ” дар асоси талаботи СДТ ва Талабҳои малака тартиб дода шудааст. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни курси сеюми равиши филология ва омӯзиши забонҳо: забони тоҷикӣ тайёр карда шудааст.

Дастури таълимии фан дар маҷлиси кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷа муҳокима карда шудааст ва барои муҳокима ба шӯрои илмӣ ва услубии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд тавсия карда шудааст. (_______ соли 202__ баённомаи № __).

**Мудири кафедра** [signature] **проф. Ҷ.Ҳамроев**

Дастури таълимии фан дар шӯрои илмии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд муҳокима гардида, барои истифода пешниҳод карда шудааст. (_____ соли 202_ баённомаи рақами № ___).

**Декани факултет** [signature] **проф. А.Пардаев**

Созиш карда шуд:
Роҳбари корҳои таълимӣ-услубӣ_________ **проф. А.Солеев**

<table>
<tr><td colspan="2">Фан/Коди модул UVTM3003 (бакалавриат)</td><td colspan="2">Соли хониши 202_ -202_</td><td>Семестри 8</td><td colspan="2">ECTS-Кредитҳо<br>6</td></tr>
<tr><td colspan="2">Фан/ Намуди фан: Интихобӣ</td><td colspan="3">Забони таълим<br>Тоҷикӣ</td><td colspan="2">Соатҳои дарси ҳафтаина<br>7</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1</td><td colspan="2">Номи фан</td><td colspan="2">Машғулотҳои аудиторӣ (соат)</td><td>Таълими мустақил (соат)</td><td>Ҷамъи сарборӣ (соат)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Истилоҳоти илмӣ, касбӣ ва соҳавӣ</td><td colspan="2">105</td><td>75</td><td>180</td></tr>
</table>

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсад аз омӯхтани фанни мазкур толибилмонро бо фанни “Истилоҳоти илмӣ, касбӣ ва соҳавӣ”, муаммоҳои асосӣ ва усули тадқиқи онҳо. Шарҳу эзоҳ ва масъалаи беҳтар ифода намудани фикр шиносо намуда, бо баробари ин оиди ҳар як истилоҳ аз манбаъҳои гузаштаву имрӯз. Забон дар амал, забон чун воситаи ифода, забон чун воситаи алоқа, хосияти иҷтимоӣ ва иртиботии забон, табиати фикрофарии забон, табиати коммуникативӣ-иртиботии забон ва корбурди истилоҳҳо дар ҳар як қисмати он. Ягонагии система ва мустаъмалӣ дар забон, грамматикаи забон ва грамматикаи нутқ маълумот медиҳад. Истилоҳоти забоншиносӣ ва шарҳи онҳоро дар раванди илми забоншиносӣ на фақат барои иттилоъ истифода мебарад, балки истифодаи беҳтар ва хубтари онро таъин менамояд, сатҳи алоҳидаро ташкил намудани онҳо дар забоншиносӣ. Мураккабии истилоҳоти забоншиносӣ, мавзӯи баҳси ҳар як истилоҳ.

## II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)

### II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:

**Мавзӯи 1.**

**Истилоҳот ва омӯзиши он дар доираи фанни алоҳида**

Мавзӯи баҳси *фанни* “Истилоҳоти илмӣ, касбӣ ва соҳавӣ” ва моҳияти истилоҳ. Шарҳи мафҳуми истилоҳот. Сабабҳои асосии ташаккули истилоҳот. Масъалаҳои шарҳи истилоҳҳои соҳавӣ дар забоншиносӣ. Таърифи ҷудогонаи истилоҳҳо дар илми забон, соҳаҳои умумӣ ва иҷтимоии муошират, ҷанбаи меъёрӣ ва амалӣ дар забоншиносӣ. Терминология яке аз шӯъбаҳои илми забоншиносӣ.

**Мавзӯи 2.**

**Истилоҳ ва истилоҳшиносӣ**

Истилоҳ (от) вожаи арабӣ аст. Решаи он феъли салаҳа/ салуҳа мебошад, ки аз он вожаҳои гуногун ҳамчун: ислоҳ, солеҳ, сулҳ, салоҳ, салоҳият, масолеҳ, мусталаҳ (от), муслеҳ, маслиҳат ва монанди инҳо ба вуҷуд омадаанд. Вожаи

истилоҳ низ бо вожаҳои зикршуда ҳамреша аст ва аз он байн бо вожаи мусталаҳ ё гунаи ҷамъи он: мусталаҳот ҳаммаъно аст.

**Мавзӯи 3.**

**Таърихи ташаккули истилоҳот дар илми забоншиносӣ**

Замина ва омилҳои ташаккули забон ва истилоҳоти форсии тоҷикӣ. Нигоҳе ба таърихи нигориши истилоҳот. Терминҳо ва шарҳи илмии онҳо дар асоси маводҳои забоншиносӣ. Калимаҳои якмаъно (моносемия). Калимаҳои сермаъно (полисемия). Иқтибосот дар истилоҳоти забони тоҷикӣ. Таърихи ташаккули истилоҳот дар илми забоншиносӣ. Пас аз футуҳоти араб ва бунёди тамаддуни исломӣ забони арабӣ дар қаламрави хилофат, аз ҷумла дар Хуросону Мовароуннаҳр забони расмии давлатдорӣ ва илму адаб гардид.

**Мавзӯи 4.**

**Шарҳи истилоҳоти хоси илми фонология**

Забоншиносии тоҷик ва қисматҳои он. Фонетика, лексикология, фразеология, услубшиносӣ, этимология, семасеология, грамматика, морфология, синтаксис. Терминҳои хоси ҳар як қисмати забоншиносӣ. Воҳидҳои асосии фонетика ва шарҳи истилоҳҳои хоси он. Орфоэпия ва орфографияи забони тоҷикӣ.

**Мавзӯи 5.**

**Лексикология ва истилоҳоти луғатнигорӣ**

Лексикология (калимашиносӣ) ва истилоҳҳои омӯзиши ин қисмати забоншиносӣ. Шарҳи истилоҳҳои марбути калимашиносӣ - фразеология, услубшиносӣ, этимология, семасеологияи забони тоҷикӣ чун истилоҳи илмӣ талқин намудани онҳо. Шарҳи терминҳои хоси лексикаи забони тоҷикӣ аз ҷиҳати маъно ва ифода. (синоним, антоним, омоним (омофон, омоформ, омограф), пароним, неологизм, архаизм, историзм, эвфемизм, вулгаризм, варваризм, арготизм, экзотизм...)

**Мавзӯи 6.**

**Морфология ва истилоҳҳои хоси он**

Истилоҳҳои хоси морфология ва шарҳи илмии онҳо. Калимасозӣ ва намудҳои он дар илми забоншиносии тоҷик. Ҳиссаҳои нутқ дар забони тоҷикӣ ва шарҳи истилоҳоти хоси он. Исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо.

**Мавзӯи 7.**

**Шарҳи истилоҳҳои нав ва татбиқи онҳо дар илми забоншиносӣ**

Омӯзиши истилоҳҳои нав ва тадбиқи онҳо дар илми забоншиносӣ. Назари муқоисавӣ ва шарҳи ҳар як истилоҳи нав нисбати замон. Истилоҳҳои навро ба қисматҳои забоншиносӣ мувофиқ тақсим намудан. Вобаста ба қисматҳо шарҳ додани истилоҳҳои нав. Компютер ва терминҳои корбурди ин воситаи

замонавӣ.

**Мавзӯи 8.**

**Марҳилаҳои ташаккули забон ва истилоҳоти илмӣ**

Ташаккули усулҳои илмии истилоҳсозии забони тоҷикӣ. Истилоҳшиносӣ яке аз бахшҳои муҳими забоншиносии мо мебошад. Дар забони тоҷикӣ истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ имрӯз наметавонад бо пажӯҳишҳои густурда ва амиқи назарии худ ифтихор кунад. Истифодаи фонди луғавии забони тоҷикӣ ва васоили дастурии он. Корбурди вожагони забони тоҷикие, ки маънои он терминро ифода мекунад. Муҳаммад Тақии Баҳор насри форсии дариро аз назари сабк ва шеваи нигориш, дар маҷмуъ ба шаш давра тақсим карда (барои маълумоти бештар ниг.: Бабк, II. понздаҳ-шонздаҳ), давраи аввалро давраи сомонӣ (солҳои 300/910-480/1060) ба қалам овардааст.

**Мавзӯи 9.**

**Мафҳуми забони илм ва баъзе масъалаҳои назарии истилоҳот**

Илм ба сифати василаи рушду пешрафти ҷомеаи башарӣ соҳаҳои гуногун дорад ва ҳар кадом соҳаи илм дар навбати худ дорои низоми хоси истилоҳот ва махсусиятҳои вижаи забонии худ аст, ки аз дигар соҳаи илм қисман ва ё ба куллӣ фарқ мекунад. Ба иборати дигар, ҳар кадом илм, хоҳ илми куҳанбунёд бошад, хоҳ илми тозазуҳур забони хоси баёну ифодаи худро дорад, аз ҷумла илми тибб забони баёни матлабу мафҳумҳои тиббӣ ё илми риёзиёт забони баёни матлабу мафҳумҳои риёзӣ дорад, ки ин забонҳо аз ҳамдигар комилан тафовут доранд

**Мавзӯи 10.**

**Баррасии манобеи нахустини истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ**

Манбаъҳои қадимаи илмие, ки истилоҳҳои хоси ҳар як соҳаро талқин намудааст. Аз манобеи қадимаи илмҳои ҷудогона истифода намудан, аз ҷумла Сумарнома, Ҳудуд-ул олам, Кашф-ал маҳҷуб, “Донишнома”-и Майсарӣ, Китоб-ал абния, Рагшиносӣ...

**Мавзӯи 11.**

**Таҳқиқи истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ аз нигоҳи маъно ва сохтор**

Муҳимтарин манбаи омӯзиши ташаккулу такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ бегумон осори нахустини илмиву адабӣ ба ин забон мебошад. Бояд вожагону истилоҳоти осори қадимтарини илмии форсии дарӣ аз нигоҳи маънову сохтор ва усулу қолабҳои истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ дар асоси дастовардҳои илми забоншиносии муосир ҳамаҷониба мутолиа ва таҳқиқ гардад.

**Мавзӯи 12.**

**Усулҳои асосии истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ дар осори қадимтарини илмии форсии дарӣ**

Вожасозӣ воситаи асосии танӣ гардидани таркиби луғавии ҳар забон, аз ҷумла забони форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Дар аксари осори таҳқиқӣ муҳаққиқон дар бораи шеваҳои сегонаи вожасозии исму сифат: пасвандафзоӣ, пешвандафзоӣ ва таркиббандӣ дар ин забон изҳори назар кардаанд.

**Мавзӯи 13.**

**Истилоҳоти илми нуҷум ва аҳкоми нуҷум**

Илми нуҷум, ки ҳамчунин «илми фалак» ва «илми ҳайат» низ ном бурда мешавад, дар таърихи илми мо собиқаи тӯлонӣ дорад. Вожагону истилоҳоти фаровони нуҷумӣ ки дар осори илмиву ғайриилмии ниёгон фароҳам омада, иддае аз онҳо то имрӯз дар забони гуфтору навиштории мо истифода мешаванд, далели возеҳи ин амр буда, манбаи омӯзиши мост.

**Мавзӯи 14.**

**Истилоҳоти илми риёзиёт**

Дар ривоҷу равнақи илми риёзиёт, ки бар асари ниёзмандиҳои банӣ башар ба ҳисобу андозагириҳои одитарину маъмултарин ба миён омадааст ва таърихи чандҳазорсола дорад, кавмияту халқиятҳои мухталиф саҳм гузоштаанд. Саҳми ниёгони мо низ дар густариши илми риёзиёт ва шохаҳои он: шумор (арифметика), ҳандаса (геометрия) ва ҷабр (алгебра) камназир аст.

**Мавзӯи 15.**

**Истилоҳоти ҷуғрофия**

Мафҳуми ҷуғрофия аслан аз номи асари донишманди маъруфи Юнони бостон Батламиус (Птолемей) «Раҳнамой ҷуғрофия» ба миён омада, гунаи муарраббӣ ҷузъи аввали номи ҳамон китоб аст ва ба эҳтимоли акад. В.В. Бартолд номи асари ҷуғрофии Муҳаммади Хоразмӣ *8игш а1-агг* тарҷумаи ар. Ҳамин истилоҳ мебошад.

**Мавзӯи 16.**

**Истилоҳоти фалсафа**

Таълимоти фалсафиву ирфонии мардуми эронинажод таърихи ғанӣ дошта, аз замонҳои қадим ибтидо мегирад. Дар хусуси замина ва омилҳои ташаккули истилоҳоти фалсафӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ С.Сулаймонов дар заминаи «Донишнома» Абуалии Сино таҳқиқоти арзишманди муфассал анҷом додааст

**Мавзӯи 17.**

**Истилоҳоти тибб**

Ташаккул ва ривоҷу равнақи он дар қатори юнониён, ҳиндувон, чиниён, румиён, мисриён ва мардумони дигар ниёгони мо низ саҳми босазо гузоштаанд. Қадимтарин ёдгории хаттии мардумони эронинажод, ки дар баробари масоили дигар пизишкиву табобатро хам дар бар мегирад, китоби Авестост.

Истилоҳоти тиббии осори нахустини тиббиро метавон ба истилоҳоти колбадшиносӣ, истилоҳоти беморишиносӣ (истилоҳоти чашмпизишкӣ,

истилоҳоти даҳонпизишкӣ, истилоҳоти бавлияшиносӣ...), истилоҳоти дорушиносӣ (истилоҳоти гиёҳшиносӣ, истилоҳоти ҷонваршиносӣ, истилоҳоти маъданшиносӣ...) гурӯҳбандӣ кард.

**Мавзӯи 18.**
**Танзим ва ҳамгунсозии истилоҳоти анатомӣ дар забони тоҷикӣ**

Истилоҳоти анатомӣ дар Аврупо дар заминаи ду забони классикӣ (юнониву лотинӣ) ва дар Шарқ бо забони давлативу арабӣ ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтааст. Номенклатураи анатомӣ (nomina anatomica) феҳристи дорои системаи илман асосноки истилоҳоти анатомист, ки дар риштаҳои биология ва тиб мавриди истифода қарор мегирад.

**Мавзӯи 19.**
**Нақши истилоҳоти иқтибоси ва тарҷумаи қарзӣ дар такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ (арабӣ, юнонӣ, ҳиндӣ)**

Иқтибос ва ё қарзгирии вожагону истилоҳот аз як забон ба забони дигар амри тасодуф нест. Иқтибос, ки аслан дар натиҷаи робитаи фарҳангиву забонӣ руҳ медиҳад, яке аз роҳҳои асосии тано афзудани таркиби лугавии ҳар кадом забон аст. Забон ҳам аз ҳисоби имкониятҳои вожасозии дохили забонӣ ва ҳам аз ҳисоби иқтибос гирифтани вожагону истилоҳот аз забонҳои дигар рушду такомул меёбад ва ногузир вожа ва ё истилоҳи забон агар натавонад падида ва ё мафҳумеро ба шакли дурусту дилхоҳ ифода кунад, маҷбур аст ҷойи худро ба вожа ва ё истилоҳи иқтибосӣ бидиҳад.

**Мавзӯи 20.**
**Истилоҳоти суғдӣ, бухорӣ, хоразмӣ ва тахорӣ**

Забонҳои суғдӣ, хоразмӣ ва тахорӣ, ки бархе аз истилоҳоти ин забонҳо дар осори илмии давраи аввал мавриди истифода қарор гирифтааст, ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ шомиланд.

Осори илмии давраи мавриди назар, ба вижа асарҳои Абурайҳони Берунӣ «Осор ул-боқийа», «Китоб ус-сайдана» ва «Китоб ут-тафҳим», асари ҷомеъи тиббии Аҳмади Ахавайнии Бухороӣ «Ҳидойат ул- мутаъаллимин» барои омӯзиши вожагону истилоҳоти ҷудогонаи забони сугдӣ сарчашмаи боэътимоду камназиранд.

**Мавзӯи 21.**
**Вожаҳои хоси китобдорӣ**

Китоб манбаи дониш аст, дар тамоми соҳаи илму фан китоб ва китобдорӣ хеле мавқеи баландро дорад. Калима ва вожаҳои ифодагари соҳаи китобдорӣ низ дар гузашта ва имрӯз чун истилоҳи асосӣ корбурд шуда истодааст. Калимаҳои асливу иқтибосии хоси китобдорӣ. Китобхона, нашриёт, библиотека.

**Мавзӯи 22.**
**Истилоҳоти хоси санъат**

Истилоҳ ва ибораи махсуси бештар истеъмолшаванда доир ба санъати меъморӣ, ороишиву амалӣ, мусиқӣ, рақс, театр, кино, телевизион, сирк, эстрада, ҳамчунин истилоҳоти эстетики маъмулии умумиро дар бар мегирад. Он истилоҳу мафҳумҳое, ки ба таркиби энсиклопедияҳо ва луғатҳои нашри солҳои охир доир ба соҳаҳои гуногун санъат ворид шудаанд дар адабиёти илмии санъатшиносӣ ва матбуоти даврӣ бештар ба забони русӣ истифода мешавад.

**Мавзӯи 23.**

**Вожаҳои ифодагари ҳунарҳои мардумӣ - ҳунари бофандагӣ**

Лексикаи касбу ҳунар бо фасоҳату салосати забони ноби тоҷикиро дар худ инъикос намудани қабати махсуси лексикаи забони адабиро ташкил дода, бо ин роҳ хусусиятҳои миллии забонамонро дар худ маҳфуз медоранд. Абрбандӣ, абрешимбофӣ, атласбофӣ. ҳарирбофӣ, шоҳибофӣ. Тафсири истилоҳии «абрбандӣ» дар луғати мазкур «ҳунари нақшгузорӣ дар матоъ» зикр шуддаст.

**Мавзӯи 24.**

**Калима ва истилоҳҳои ифодагари ҳунари бинокорӣ**

Барои равшантар баррасӣ намудани масъалаи истилоҳоти забоншиносӣ ба сифати манбаъ мо «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»-ро интихоб менамоем. Калима ва истилоҳҳои ифодагари ҳунарҳои мардумӣ (бинокорӣ).

**Мавзӯи 25.**

**Калима ва истилоҳҳои ифодагари ҳунари кишоварзӣ**

Ташаккул ва инкишофи фарҳанги кишоварзии мардуми эронинажод дар забонашон низ осоре аз худ гузошт, зеро забон воқеияти зиндагии соҳибони худро оинавор инъикос менамояд. Қадимтарин намунаҳои хаттии осори халқҳои эронинажод – катибаҳои форсии бостон ва китоби «Авесто» гувоҳӣ медиҳанд, ки маҳз дар ҳамин давра забонҳои эронии бостон калимаву истилоҳоти инкишофёфтаи кишоварзӣ доштаанд, ки баъдан барои инкишофи луғат ва истилоҳоти кишоварзии тоҷик ҳамчун заминаи мукаммале хидмат кардааст. Дар заминаи вожаву истилоҳоти кишоварзии пешин баъдан бахши марбутаи низоми луғавии забони форсии миёна инкишоф ёфта, аз ҳисоби захираҳои худӣ ва ҳамчунин иқтибос аз соири забонҳои ҳамҷавор ғанитар гардид. Истилоҳҳои хоси боғдорӣ, гулпарварӣ...

**Мавзӯи 26.**

**Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти варзиш дар забони тоҷикӣ**

Таҳқиқи истилоҳот яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи забоншиносист. Истилоҳоти ҳар як забон, қатъи назар аз мансубияти худ ба ин ѐ он бахши амалиѐти инсон, аксаран таърихи пешин доранд ва дар ниҳод бисёр далелҳоеро нигоҳ медоранд, ки баррасӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо барои ҳаллу фасли минбаъдаи мавзӯъҳои ҳалталаби боби луғат, бахши калимасозиву калимабандӣ, соҳаи этимология ва амсоли инҳо дорои аҳамияти калони илмӣ

ва амалӣ мебошад.

**Мавзӯи 27.**

**Калима ва истилоҳҳои ифодагари маросиму анъанаҳо (тӯй ва мотам)**

Тоҷикон, ки яке аз қавмҳои ориёинажод ба шумор меравaнд таърихи тамаддуни ғанӣ доранд. Сарнавишти ориёиҳо, ки мо тоҷикон яке аз меросдорони асили он ҳастем, аз саҳифаҳои басо рангину шигифтангези таърихи башар аст. Ин тамаддун бо ҳама бурду бохташ барои миллати мо як рукни асосии таърихӣ, сарнавишт, арсаи будубош, пайдоишу ташаккули нахустин оинҳои давлатдорӣ, ҷавлонгоҳи дину оини яктопарастӣ, ташаккули фарҳангу арзишҳои миллӣ, арсаи худшиносию ҷаҳоншиносӣ гардидааст.

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Абурайҳони Берунӣ ва «Китоб-ут-тафҳим» (соли таълифаш 1029)-и ӯ бунёдгузори истилоҳоти забони тоҷикӣ
2. Абуалӣ ибни Сино бо «Донишнома» (таълифаш байни солҳои 1023-1037)-и ӯ бунёдгузори истилоҳоти забони тоҷикӣ
3. Осори Носири Хусрав, Умари Хайём, Насириддини Тӯсӣ, Исмоили Ҷурҷонӣ ва истилоҳоти забони тоҷикӣ
4. Садриддин Айнӣ ва лексикаи забони адабии тоҷик
5. Истилоҳ ифодагари яке аз нишонаҳои асосии мафҳум
6. Усулномаи “Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ” аввалин тавсияҳо доир ба истилоҳоти забоншиносӣ
7. Вазъи омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ Истилоҳҳо дар соҳаҳои ҷудогона
8. Терминҳои хоси адабиётшиносӣ
9. Терминҳои забоншиносӣ ва қисматҳои он
10. Масъалаҳои талаффуз, аксентология, интонатсия ва истилоҳҳои хоси он
11. Орфография ва истилоҳҳои забони тоҷикӣ
12. Орфоэпия ва истилоҳҳои хоси он
13. Лексика ва терминология
14. Сарф ва истилоҳоти хоси он
15. Наҳв ва истилоҳҳои марбути ин қисмат
16. Вазъи омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ дар замони имрӯз
17. Шеваҳои асосии истилоҳсозии тоҷикӣ
18. Шеваи сарфӣ ё вандафзоӣ
19. Сохтани истилоҳоти нав ва роҳҳои он
20. Тарҷумаи истилоҳот ва қолабҳои ҷудогонаи он
21. Иқтибоси истилоҳоти илмии арабӣ
22. Истилоҳоти хоси санъати мусиқӣ
23. Истилоҳҳои хоси боғдорӣ
24. Истилоҳҳои хоси гулпарварӣ
25. Номи растаниҳои шифобахш

26.Калима ва истилоҳҳои ифодагари маросимҳои тоҷикон(гаҳвора)

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

**IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**

Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Фикри забоншиносони ватанӣ ва ҷаҳонӣ дар бобати истилоҳот
2. Терминология ва усулҳои ташаккули он
3. Терминҳои семасеологӣ ва маънои лексикии калима
4. Терминҳои санъат аз ҷумла мусиқа, радио, телевизион, синамо ва театр
5. Воситаҳои тасвири бадеъ дар шеъри тоҷик ва истилоҳоти хоси он
6. Аз назар гузаронидан ва конспект китоби Калонтаров Я.И. Капранов В.А. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷики-русии терминҳои забоншиносӣ. -Душанбе,1974. - 95 с.
7. Аз назар гузаронидан ва конспект китоби Қосимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар). – Душанбе: Сино, 2007. – 172 с.
8. Аз назар гузаронидан ва конспект китоби Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 371 с.
9. Аз назар гузаронидан ва конспект китоби Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2013. -321 с.
10. Аз назар гузаронидани китоби Мирзо Ҳасани Султон. Истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш. 2008.-334 саҳ

Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад.

3

**V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**

Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:

Дар ҷараёни таълими фанни мазкур истифодаи воситаҳои ахбори замонавӣ ва технологияи нави педагогӣ тақозо карда мешавад. Таълими фанни мазкур тавассути усулҳои анъанавии тадрис ва таҷрибаҳои нави дар соҳаи таълим мавҷуда, аз қабили саволу ҷавоб бо усули тест, муқоиса намудани асарҳо ва ё симоҳои ҷудогона бо асарҳо ва ё нақшҳои ба донишҷӯён аз адабиёти тоҷик ва ё ӯзбек шинос; ёдрас намудани лаҳзаҳо аз филмҳо, намоишномаҳо, истифодаи воситаҳои техникӣ, аз қабили видео ва аудиотехника, видеопроекторҳо, таҷҳизоти аудио ва видео, компютер ва мултимедияҳо, ба воситаи методҳои наву ноанъанавӣ, усулҳои интерфаъол ва ғайраҳо амалӣ мегардад.

Дар баробари ҳамин ҳини таълими фанни мазкур аз технологияи нави педагогӣ, васоити ахборӣ - коммуникатсионӣ, сайтҳои интернет, блогҳои интернетӣ истифода

| | |
|---|---|
| | бурдан дар назар дошта мешавад.<br>- ҳангоми таълими ин фан дар соатҳои маърӯзавӣ истифодаи компютерҳои замонавӣ, технологияҳои нави презентатсионӣ ва демонстратсионӣ - электронӣ - дидактикӣ истифода мегардад.<br>- дар ҷараёни таълими фанни мазкур аз методҳои интерфаъол; аз қабили ҳучуми ақлӣ, тафаккури гурӯҳӣ, пинборд, конференсия, мулоқот, мунозара, баҳсҳои гурӯҳӣ, муҳокима тавассути материалҳои иллустратсионӣ ва демонстратсионӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст.<br>- ҳангоми таълими фанни мазкур ва гузаронидани машғулотҳои семинарӣ дар байни талабагон ташкил кардани мусоҳибаҳо, коллоквиум, мусобиқа, баҳсу мунозираҳо дар назар дошта мешавад. |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маъруза<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (сӯҳбат, мушоҳида, мунозира, нутқ кардан, мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабҳо ба кредит гирифтан:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст нишон додани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳои дар шакли ҷорӣ, марравӣ додашуда ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиёти асосӣ ва васоити таълимӣ**<br>1. Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. – Душанбе: 2016. - 428 с.<br>2. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 371 с.<br>3. Нуров П. Истилоҳшиносӣ. – Душанбе: 2018.-134 с.<br>4. Ҳусейнов Х., Шукурова К. Луғати терминҳои забоншносӣ. – Душанбе: Маориф, 1983. – 255 с.<br>5. Ҳодизода Р., Шукуров Т., Абдуҷабборов. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. - Душанбе: Ирфон, 1966.<br>**Адабиёти иловагӣ**<br>6. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. – М.: Советская энциклопедия, 1966.<br>7. Бердиева Т. Моделҳои истилоҳсозии забони тоҷикӣ// Мактаби советӣ. – 1980. - №11.- С.22-24.<br>8. Ғаффоров Р. Вазъи кунунии истилоҳоти забоншиносии тоҷик ва |

| | |
|---|---|
| | лучуми такмили он// Ахбори АФ РСС Тоҷикистон серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, 1992, №4 (24). – С. 16-21.<br>9. Жирков Л.И. Лингвистический словарь. - М., 1946.<br>10. Калонтаров Я.И. Капранов В.А. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷики-русии терминҳои забоншиносӣ.-Душанбе,1974. - 95 с.<br>11. Камолиддинов Б. Мушкилоти истилоҳ// Даҳ соли қонуни забон. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С. 62 – 65.<br>12. Қосимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар).– Душанбе: Сино, 2007. – 172 с.<br>13. Лингвистический энциклопедический словарь. - М., 1990<br>14. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2013. -321 с.<br>15. Марузо Ж. Словарь лингвистических терминов. – М., 1960.<br>16. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф,1993.-271 с.<br>17. Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ (тартибдиҳанда Я.И. Калонтаров). – Душанбе, 1971. – 62с.<br>18. Шарифов Х. Каломи бадеъ. – Душанбе: Маориф.1991.-160 с.<br>19. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад. – Душанбе: Ирфон, 1985.-368 с.<br>20. Шукуров М. Хуросон аст ин ҷо. – Душанбе: Маориф, 1994.-286 с.<br>**Манбаъҳои ахборӣ:**<br>21.http://library.tersu.uz/kitoblar/aralash/Nutq madaniyati asoslari.pdf<br>22.http://library.ziyonet.uz/ru/book/download/100574<br>23.http://n.ziyouz.com/kutubxona/category/147-pedagogika?download=11693:<br>24.www.ziyouz.com kutubxonasi<br>25.https://tg.wikipedia.org/wiki/Забоншиносӣ |
| 7 | Дастури фан ___________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>**С.Ҷ. Маҷитова** – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>**А.Хонхӯҷаева** – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии ДДС<br>**Бабаева Д.** - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС |